ТАҚРИЗ

ба автореферати Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироаҳтои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминҳои корам маҳдуд аст, биобарҳамин истифодаи самараноки заминҳои корам ва коркарда баромадани усулҳои илман асосноки кишти пайдарпайи зироатҳои кишоварзӣ бо мақсади дар як сол рӯйёнидани якчанд ҳосил барои расидан ба Ҳадафи стратегии кишвар-таъмини амнияти озуқаворӣ нақши калиди доранд.

Аҳамияти тадқиқотҳои илмии Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар он аст, ки солҳои 2020-2023 ба сифати объекти тадқиқот даҳ навҳои нави зироатҳои ғаллагӣ, хӯроки чорво, техникӣ ва равғандиҳандаро мавриди таҳқиқ қарор дода кишти пайдарпайи онҳоро бо назардошти киштгаргон ва тағйирёбии иқлим дар шароити заминрҳои обёришавандаи филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварии Тоҷикистон коркарда баромадааст.

Ҳамасол таҷрибаҳои саҳроии Давлатова Р.Н., аз ҷониби намояндагони комиссияи апробатсионии АИКТ, Институти зироаткорӣ, зертобеъи он ва мутахасисони соҳаи кишоварзӣ санҷида баҳо гузори шудаанд ва дар шурои илмӣ муҳокима шудааст.

Муаллиф дар натиҷаи тадқиқотҳои бисёрсола исбот намудааст, ки интихоби дурусти зироатҳои кишоварзӣ, бароҳ мондани кишти пайдарпайи онҳо ва иҷрои саривақтии ҳама чорабиниҳои агротехникӣ имконият фароҳам овардаанд, ки аз ҳар як гектар замин 3-4 ҳосили аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиятнок гирифта шуд.

Аз ҷамъи 3 ҳосил дар як сол 903,0 с/га анбӯҳи сабз ва 37,0 с/га пахта гирифта шудааст ва аз ҷамъи 4 ҳосил вобаста ба вариантҳо 1903,0-2065 с/га анбӯҳи сабз рӯйёнида шудааст. Дар ин ҳолат самараи иқтисодӣ мутаносибан ба 22010 сомонӣ/га ва 1430-20357 сомонӣ/га-ро ташкил медиҳад.

Дар асоси тадқиқотҳои илмии муаллиф хулосаҳо ва тавсияҳо пешниҳод намудааст, ки аҳамияти назариявӣ ва илмӣ дошта, асоснок будани тадқиқотҳоро нишон медиҳад.

Натиҷаи тадқиқотҳо дар 14 корҳои илмӣ иникос ёфтааст аз он ҷумла 9 адад дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тадбиқи натиҷаҳои ба дастоварда дар заминҳои обии Филиали Институти зироаткории АИКТ ва дигар хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар масоҳати 22 га амалӣ карда шудааст.

Дар баробари арзишнокии тадқиқотҳо баъзе камбудиҳо дида мешаванд:

- дар саҳифаи 26 арзиши 1с маҳсулотро дар вариантҳои 2 ва 3 дида баромадан лозим ва дар матн ченаки с/га-ро ба сомонӣ иваз кардан лозим.
- натиҷаи тадқиқотҳо тавассути ҷадвал ба диаграмма оварда шудааст, шояд диаграма беҳтар бошад.

Тақриз дар асоси талаботҳои қоидаҳои ба расмият даромада таҳия гардидааст ва камбудиҳо ислоҳшаванда мебошанд ба баҳодиҳии умумии монеа намешаванд.

Автореферати диссертатсия аз руйи муҳимият, мақсаду вазифа, навгонии илмӣ аҳаммияти назариявию амалӣ, интишорот мазмуни асосии тадқиқотӣ гузаронидашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и нази Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Давлатова Рухшона Нодирхоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101– Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои кишоварзӣ,
узви вобастаи АИКТ 06.01.01-
зироаткории умумӣ, растанипарварӣ
профессори кафедраи зироаткорӣ
ва истеҳсоли хӯроки чорвои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Сардоров М.Н.

Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи
Исмоили Сомонӣ, кучаи Амиршоев-28,
Тел:+ 992 918724044
12 феврали соли 2026

Имзои Н.М. Сардоров -ро тасдиқ менамоям: Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Курбонзода А.Х.
12 феврали соли 2026.

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.
Тел.: 908-08-73-12, E-Mail.: rectortau31@mail.ru